# پروتوکول

## پنجمین جلسه کمیسیون بین الحکومتی همکاری های مشترک اقتصادی ،تجارتی، اجتماعی ،تخنیکی، علمی وفرهنگی

## میان

## جمهوری اسلامی افغانستان

## و

## جمهوری تاجیکستان

پنجمین جلسه کمیسیون مشترک همکاری های اقتصادی، اجتماعی وتخنیکی بین دولت جمهوری اسلامی افغانستان وجمهوری تاجکستان بتاریخ ۲۲ - ۱۳۹۲/۱۲/۲۳ هجری شمسی مطابق ۱۳ - ۱۴ /۲۰۱۴/۰۳ میلادی در شهر دوشنبه مرکز جمهوری تاجکستان دایر گردید.

ریاست هیأت جانب افغانی را جلالتمآب عبدالهادی (ارغندیوال) وزیر اقتصاد جمهوری اسلامی افغانستان و ریاست هیأت جانب تاجیکی را جلالتمآب خیرالله عصا زاده وزیر نقلیات جمهوری تاجکستان به عهده داشتند.

ترکیب اعضای هیأت هر دو جانب در ضمیمه های (۱) و(۲) ملاحظه گردد.

طرفین در مورد بعضی از مواد پروتوکول های سومین وچهارمین اجلاس کمسیون همکاری های مشترک اقتصادی، تجارتی ، اجتماعی وتخنیکی که قبلاً بین هردوکشور به امضأ رسیده است ولی تا هنوز تطبیق نگردیده به تحقق آن ها تاکید ورزیدند.

جلسات کمیسیون در فضأی دوستانه وحسن نیت که بیانگر سنت های مشترک دوکشور می باشد برگزار گردید وطرفین در مورد توسعه وانکشاف طویل المدت همکاری های دوجانبه بخصوص در بخش های تجارت ،گمرکات،

ستندرد دایزیشن ، انرژی وآب، ترانسپورت و زیربنا های ترانسپورتی ،مخابرات، زراعت ،معارف ،اطلاعات و فرهنگ وصحت بحث و گفتگو نمودند که در زمینه توافقات ذیل به عمل آمد:

## I- در عرصه همکاری های اقتصادی و تجارتی

جانبین بر توسعهٔ صادرات و واردات و انکشاف روابط تجارتی و اقتصادی با حمایت از سکتور خصوصی و جلب سرمایه گذاری تأکید نمودند.

جانبین به منظور رشد همکاری در ساحه تجارت به توافقات ذیل رسیدند:

۱. همکاری های عملی سودمند در نقاط مرزی،

۲. فراهم آوری شرایط مساعد با استفاده از امتیازات در مناطق آزاد تجارتی جمهوری تاجیکستان

۳. بررسی، استحکام و حمایت از فعالیت های کمیسیون مشترک بین الحکومتی در زمینه ایجاد، تأسیس و رشد بازارهای بین المرزی، میان ولایت بدخشان جمهوری اسلامی افغانستان و ولایت خودمختار کوهستان بدخشان جمهوری تاجیکستان، ولایات تخار و کندز جمهوری اسلامی افغانستان و ولایت ختلان جمهوری تاجیکستان.

۴. طرفین روی همکاری های اطاق های تجارت و صنایع دو کشور در موارد ذیل تأکید نمودند:

۱) پلان کاری برای تدویر نمایشگاه ها در سال ۲۰۱۴ را تهیه و ترتیب نموده، و در زمینه میان ادارات مربوطه تبادل معلومات نمایند.

۲) تبادله منظم معلومات راجع به پلان کاری بخش خصوصی و ایجاد دیتابیس و گنجانیدن آن در سایت های انترنتی مربوطه به منظور ارسال به تمامی طرف های ذیدخل.

۵. طرفین بر تدویر نمایشگاه ها، کنفرانس ها و سمینارها به منظور رشد و انکشاف تجارت و همکاری های اقتصادی میان هر دو کشور تأکید نمودند.

۶. طرفین روی گسترش همکاری های بین المرزی به منظور سرعت بخشیدن حمل و نقل، اموال تجارتی و ترانزیتی، دریافت و پرداخت تکس ها بر اساس عمل باالمثل تأکید نمودند.

۷. طرفین موافقه نمودند که یک کمیسیون دو جانبه تمام مشکلات و موانع را که در عرصه تجارت و ترانزیت وجود دارد، به زودترین فرصت در نقاط مرزی شیرخان بندر و پنج پایان بررسی نموده و از نتایج، کمیسیون مشترک را از مجاری دیپلوماتیک مطلع سازند.

۸. طرفین روی ساده سازی فعالیت های متشبثین خصوصی به منظور تشویق سرمایه گذاری موافقه نمودند.

۹. نهایی سازی موافقتنامه سه جانبه ترانزیتی میان جمهوری اسلامی افغانستان، جمهوری تاجیکستان و جمهوری اسلامی پاکستان در جریان سال جاری (۲۰۱۴).

۱۰. بررسی مسوده موافقتنامه سه جانبه ترانزیتی میان کشورهای جمهوری اسلامی افغانستان، جمهوری تاجیکستان و جمهوری مردم چین.

## II- درعرصهٔ ستندرد دایزیشن:

طرفین به عملی کردن مفاد تفاهمنامه مؤرخ ۱۳۸۹/۸/۳ مطابق ۲۰۱۰/۱۰/۲۵ مبنی بر توسعه همکاری ها بین ادارات ستندرد دو کشور در ساحه ستندردسازی، سرتفکیت «تصدیقنامه» و میترولوژی تأکید نمودند.

## III- در عرصهٔ انرژی و آب :

### الف. در بخش انرژی:

۱. همکاری دو جانبه در مورد تمدید خط انتقال برق ۱۱۰ کیلووات (در حجم ۲۲۰ کیلووات) به طول (۱۹۵) کیلومتر از سلطان اشکاشم تا شهر فیض آباد افغانستان و تمدید خط انتقال برق ۱۱۰ کیلووات (در حجم ۲۲۰ کیلووات) به طول ۱۲۰ کیلومتر از شهر خاروغ تا شهر اشکاشم جمهوری تاجیکسان.

۲. همکاری همه جانبه در مورد تطبیق پروژه CASA-1000 که تجارت انرژی برق را فی مابین کشور های قرغزستان ، تاجیکستان ، افغانستان و پاکستان مساعد می سازد موافقه و تأکید بر تسریع پیشبرد امور مربوطه به آن.

۳. مطالعه امکانات ساختمان لین انتقال برق ولتاژ بلند ۵۰۰ کیلوولت از جمهوری تاجکستان از طریق جمهوری اسلامی افغانستان به ترکمنستان.

۴. همکاری های همه جانبه و دوامدار در مورد بهره برداری لین انتقال 220kv سنگ توده تاجیکستان الی پلخمری افغانستان ( هردوکشور به داخل خاک خودش).

۵. همکاری های همه جانبه و دوامدار در مورد بهره برداری لین انتقال 110kv سب استیشن گران تاجیکستان الی سب استیشن های ولایت کندز افغانستان ( هر دو کشور بداخل خاک خودش)

۶. همکاری همه جانبه روی تمدید لین انتقال انرژی برق 500 kv از جمهوری تاجیکستان از مسیر کشور جمهوری اسلامی افغانستان به کشور جمهوری اسلامی ایران.

۷. تسریع همکاری های مشترک بین طرفین در بخش انکشاف منابع آبی از جمله مطالعات مشترک پروژه دشت جُم.

ب. در بخش آب:

۱. کمیسیون بر پیگیری و اجرای مفاد موافقتنامه بین حکومت جمهوری اسلامی افغانستان و حکومت جمهوری تاجیکستان در رابطه به همکاری در ساحه های انکشاف و اداره منابع آبی در دریای پنج و آمو (مؤرخ ۲۵ اکتوبر سال ۲۰۱۰) تأکید نموده، تأسیس کمیسیون های فرعی ذیربط را تحت ریاست وزارت انرژی و آب جمهوری اسلامی افغانستان و وزارت انرژی و ذخایر آب جمهوری تاجیکستان جهت حل مسایل وابسته به تحکیم سواحل در امتداد دریای پنج و آمو، همچنان ایجاد گروه های کاری در رابطه به مانیتورنگ ذخایر آب و محیط زیست، همچنان ترتیب برنامه کاری آن ها را موافقه کردند.

۲. همکاری در عرصه هایدرولوژی از جمله تبادل آمار و ارقام هایدرومیترولوژیکی.

۳. تحکیمات سواحل دریا ها در محدوده مرز آبی مشترک بین هر دو کشور به منظور مصؤون ساختن هر دو طرف سواحل دریای پنج - آمو موافقت نموده وروی ایجاد گروپ کاری مشترک به منظور تثبیت علایم سرحدی تخریب شده و بعد از آن، انجام امور تحکیمات سواحل دریای مذکور همزمان به هردو طرف سواحل تأکید نمودند.

همکاری همه جانبه در ایجاد گروپ کاری به منظور تثبیت علایم سرحدی تخریب شده دوطرف سواحل دریای آمو.

## IV- در بخش نفت و گاز

۱. طرفین توافق نمودند تا در بخش های تفحص نفت و گاز میان همدیگر همکاری نمایند.

## V- در عرصه معادن:

۱. اشتراک شرکت های افغانستان و تاجیکستان در عرصه کارکرد معادن طبق قوانین طرفین.

## VI-در عرصه ترانسپورت و زیربنای ترانسپورتی:

### در بخش ترانسپورت

۱. طرفین روی ایجاد کمیسیون دایمی مشترک تخنیکی همکاری های ترانسپورتی و ترانزیتی جهت حل مشکلات و مسایلی که از ناحیه فوق بروز می کند، موافقه نمودند.

۲. جانبین تقویت همکاری ها را در راستای احداث راه آهن در مسیر تاجیکستان – افغانستان و ترکمنستان (کلخوز آباد – پنج پایان – شیرخان بندر – کندز – خلم – مزار شریف – اندخوی) تأکید نمودند.

۳. با تقاضای جانب تاجیکستان مسیر بشکنت از طریق کلدار – حیرتان – اسلام پنجه – کلفت به منظور تمدید خط و احداث راه آهن با در نظرداشت امکانات مالی و تأمین آموزش مسلکی کارشناسان ساحه مورد مطالعه دو طرفه قرار گیرد.

۴. جانبین روی ایجاد خط السیر بین المللی مسافربری میان هر دو کشور در استقامت های (قرغان تپه الی کندز – کندز الی قرغان تپه)، دوشنبه – کابل و کابل – دوشنبه توافق نمودند.

شرکت های مسافربری هر دو کشور از این مسیر بر اساس عمل باالمثل استفاده می برند.

۵. جانبین توافق نمودند تا در صدور رخصتنامه (رودپاس) با هم در حمل و نقل بین المللی بر اساس قوانین نافذه جانبین با عمل باالمثل همکاری همه جانبه نموده توجه مقامات امنیتی هر دو کشور را غرض تأمین امنیت حمل و نقل جلب می نمایند.

۶. طرفین به منظور رشد تجارت و حمل نقل آبی در بندرهای کاکل (فرخار) و آی خانم (تخار) از وسایط نقلیه آبی بر اساس عمل باالمثل استفاده می نمایند.

## VI- همکاری در عرصه گمرک:

۱. امضای موافقتنامه بین حکومت جمهوری اسلامی افغانستان و حکومت جمهوری تاجیکستان در رابطه به همکاری در ساحه گمرک. جانبین به منظور آغاز بحث راجع به این موافقتنامه به زودترین فرصت نشست می نمایند.

## VII- درعرصهٔ زراعت و مالداری

۱. همکاری های دو جانبه در موارد کنترول و نظارت امراض نباتی و حیوانی و مبارزه علیه ملخ و حشرات مضره در مناطق سرحدی دو کشور.

۲. همکاری در ساحه زراعت، منجمله باغداری و پرورش تخم های اصلاح شده بذری.

۳. همکاری در ساحه مالداری و پرورش زنبور عسل.

۴. همکاری در عرصه میکانیزه شدن زراعت و تکنالوژی جدید در مورد استفاده مؤثر از زمین و آب، جهت بلند بردن حاصلات زراعتی.

۵. همکاری در ساحه تخنیکی و تبادله ماشین آلات و تجهیزات زراعتی.
۶. همکاری در عرصه وترنری.
۷. همکاری در عرصه آموزش متخصصین و تبادل تجارب علمی.

## VIII- در عرصهٔ اطلاعات وفرهنگ

جانب ها پاراف نمودن طرح موافقتنامه بین الحکومتی را در رابطه به همکاری در ساحه فرهنگ، هنر و نشریه ها (صوتی، تصویری و چاپی) موافقه نمایند:

- ادامه گسترش همکاری های هنری، مخصوصاً هنر موسیقی و تیاتر
- زمینه سازی برای اشتراک هنرمندان و فرهنگیان هر دو کشور به مناسبت های فرهنگی (فستیوال ها، نمایشگاه ها)

طرف ها در عرصه نشرات چنین موافقه نمودند:

- ایجاد همکاری ضروری و تبادل معلومات از طریق کارشناسان و همکاری تخنیکی در بخش رسانه های نشریاتی و چاپی

## IX. همکاری در ساحه جوانان و توریزم

### الف: در عرصه امور جوانان :

۱. زمینه سازی برای گسترش روابط جوانان دو کشور توسط برگزاری جلسات مشترک، ملاقات ها، ایجاد انجمن ها، برگزاری هفته دوستی و همکاری سازمان های ساحه جوانان

### ب: در عرصه توریزم :

طرفین برای توسعه همکاری در ساحه توریزم در چارچوب موافقتنامه بین حکومات جمهوری اسلامی افغانستان و جمهوری تاجیکستان در رابطه به همکاری در عرصه توریزم جهت اتخاذ تدابیر ذیلاً موافقه نمودند:

۱. توسعه مناسبات سیاحتی بین واحدهای تجارتی –اقتصادی
۲. تشویق سکتور خصوصی و فراهم نمودن شرایط مساعد برای شرکت های سیاحتی بین دو کشور تا به طور مشترک کار نمایند.
۳. معرفی آثار تاریخی، فرهنگی، نگارستان ها، مناطق مختلف کشورهای همدیگر در چهار فصل سال از لحاظ آب و هوا توسط نشریات، تبلیغات، نوشته ها و کارت های پُستی.

## X- در عرصه معارف و علوم

### الف. در عرصه معارف و علوم

طرفین در عرصه معارف و علوم به طور ذیل به موافقه رسیدند:

۱. گسترش همکاری های مستقیم بین مؤسسات تحصیلات عالی مسلکی جمهوری اسلامی افغانستان و جمهوری تاجیکستان.

۲. پذیرش شهروندان جمهوری اسلامی افغانستان در مؤسسات تحصیلات عالی مسلکی جمهوری تاجیکستان طبق بورسیه های تحصیلی بر اساس موافقتنامه های دوجانبه بین وزارت معارف و علم جمهوری تاجیکستان و وزارت تحصیلات عالی جمهوری اسلامی افغانستان.

۳. شهروندان جمهوری اسلامی افغانستان که بر اساس بورسیه های تحصیلی دوره های لیسانس، تخصص و ماستری، شامل تحصیل می شوند، قبل از آغاز تحصیل برای مدت شش ماه در مؤسسات تحصیلات عالی جمهوری تاجیکستان به آموزش رسم الخط سریلیک و قواعد زبان روسی (به طور رایگان) می پردازند.

۴. جمهوری تاجیکسان برای تحصیل شهروندان جمهوری اسلامی افغانستان در مؤسسات تحصیلات عالی مسلکی شهر دوشنبه، ولایت مختار کوهستان بدخشان، ولایت های سغد و ختلان شرایط مساعدت را فراهم می سازد.

۵. برگزاری کنفرانس های علمی، سمینارها، ورکشاپ ها و تحقیقات علمی در عرصه های حفظ مشترکات ادبی، فرهنگی، تاریخی و باستانی دو کشور در سطح مؤسسات تحصیلات عالی مسلکی.

### ب: همکاری دوجانبه در زمینه تربیت کدرها و متخصصین در بخش های مورد نیاز:

۱. بر اساس تقاضای جانب افغانستان، جانب تاجیکستان در زمینهٔ تربیت کدرها و متخصصین در بخش های مورد نیاز، از جمله متخصصین راه آهن اظهار آمادگی نمود.

۲. نحوهٔ تطبیق بند فوق در زمان مناسب توسط جانبین تحت غور و بررسی قرار گرفته، زمان تدویر آن تعیین می گردد.

## XI- در عرصه صحت

۱. تقویت همکاری ها در ساحات عرضهٔ خدمات مخصوص طبی چون پیوند گرده ها، مغز استخوان فقرات پیوند مفاصل برای مریضان افغان در مؤسسات طبی جمهوری تاجیکستان.

۲. ایجاد راه کارهای دوجانبه، جهت پیگیری بیماری های ساری «مطابق قوانین بین المللی IHR-2005» از جمله امراض خطرناک چون ملاریا و امراض که توسط واکسین کنترول می شود.
۳. تبادل معلومات مسلکی در موارد جلوگیری از شیوع امراض ساری در هر دو کشور.
۴. راه اندازی برنامه های آموزشی تخصصی و تبادل تجارب در بخش های صحت عامه، حمایت صحی طفل و مادر و طب دندان برای دکتوران افغانی، در مؤسسات طبی و تعلیمی جمهوری تاجیکستان.
۵. تفاهمنامه همکاری که در ساحه صحت بین وزارت صحت عامه اداره انتقالی افغانستان و وزارت تندرستی جمهوری تاجیکستان به تاریخ ۲۰۰۵/۰۲/۱۸ به امضا رسیده بود، با درنظرداشت نیازمندی ها، طرفین طی پروتوکول ضمیمه یی، به آن تعدیل و یا ایزاد وارد نماید.

## XII. در عرصه بیمه:

۲. ایجاد روابط همکاری در ساحه فعالیت های بیموی بر بنیاد یک سند حقوقی .
۳. ایجاد تسهیلات هر چه بیشتر در قلمرو هر دو کشور در زمان بروز مشکلات در عرصهٔ بیمه بخاطر حل وفصل آن.
۴. تبادل تجارب بیمه ای.
۵. ارتقای ظرفیت کارمندان در عرصه بیمه.
۴. ترویج و انکشاف فعالیت های بیمه ای .

## XIII - زمینهٔ معیاری حقوقی

جانبها به موافقه رسیدند، که با نظرداشت اهمیت گسترش بیشتر روابط اقتصادی بین کشورهای ما سندهای زیرین هرچه زودتر موافقه و به امضا برسند:

- موافقتنامه بین حکومت جمهوری تاجیکستان و حکومت جمهوری اسلامی افغانستان در بارهٔ همکاری در ساختمان و استفاده لولهٔ گاز افغانستان-تاجیکستان؛
- موافقتنامه بین جمهوری تاجیکستان و جمهوری اسلامی افغانستان در ساحهٔ فرهنگ، هنر، نشریه‌ها (صوتی، تصویری، چاپی)؛
- موافقتنامه بین حکومت جمهوری تاجیکستان و حکومت جمهوری اسلامی افغانستان در رابطه به همکاریها و یاری بین همدیگر در فعالیت گمرکی؛

- موافقتنامه سه‌جانبهٔ تجارت ترانزیتی بین تاجیکستان، افغانستان و پاکستان؛
- موافقتنامه بین جمهوری تاجیکستان و جمهوری اسلامی افغانستان در رابطه به تشویق و حفظ و حمایت متقابل سرمایه گذاری؛

## XIV-در عرصهٔ مخابرات

طرفین در عرصه مخابرات همکاری ها را توسط شرکت های دولتی بیشتر تقویت و توسعه بخشیده و به موارد ذیل به توافق رسیدند:

۱. بمنظور ارتقای ظرفیت ارتباطات مخابراتی بین دو کشور و جلب ترانزیت مخابرات کشور های منطقه از طریق شبکه فایبر نوری.

۲. بهبود و توسعه هر چه بیشتر خدمات پُستی.

۳. عرضه خدمات انترنتی به قیمت مناسب بطور ترانزیت مستقیم به جمهوری اسلامی افغانستان و جمهوری تاجیکستان.

۴. اقدامات ضروری در قسمت کنترول و جلوگیری از پخش امواج مخابراتی در ساحات مرزی دو کشور.

۵. توافق در مورد ترانزیت و ترافیک مخابراتی به یک کشور سومی.

طرفین موافقه نمودند که ششمین جلسه کمیسیون مشترک همکاری های اقتصادی، اجتماعی وتخنیکی بین دولت جمهوری اسلامی افغانستان و جمهوری تاجکستان در سال ۲۰۱۵ در شهر کابل برگزار گردد.

تاریخ دقیق برگزاری جلسه بعدی کمیسیون از مجاری دیپلوماتیک تعین میگردد.

این پروتوکول بتاریخ ۱۳۹۲/۱۲/۲۳ هجری شمسی مطابق ۲۰۱۴/۰۳/۱۴ میلادی در شهر دوشنبه در دو نسخه اصلی به زبان های دری وتاجکی که هر دو اعتبار مساوی دارد، به امضأ رسید.

**ازجانب دولت جمهوری اسلامی افغانستان**

**از جانب جمهوری تاجکستان**

П Р О Т О К О Л И
чаласаи панчуми Комиссияи байниҳукуматии
иқтисодӣ, тиҷоратӣ, иҷтимоӣ ва техникӣ байни
Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон

Ҷаласаи панҷуми Комиссияи байниҳукуматии иқтисодӣ, тиҷоратӣ, иҷтимоӣ ва техникӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон (минбаъд «Комиссия»), рӯзҳои 13-14 марти соли 2014 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид.

Раисии ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистонро Вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Хайрулло Асозода ва Раисии ҳайати Ҷумҳурии Исломии Афғонистонро Вазири иқтисоди Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҷаноби Абдулҳодӣ Арғандивол ба ӯҳда доштанд.

Рӯихати аъзоёни ҳайатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, ки минбаъд «Ҷонибҳо» номида мешавад, замима мегардад (Замимаи 1 ва 2).

Мулоқоти ҳайатҳои расмӣ ва гурӯҳҳои кории Комиссия дар фазои дӯстона ва самимияти ду кишвар сурат гирифт.

Ҷонибҳо, ҷиҳати иҷрои муқаррароти санадҳои мавҷуда ва Протоколи ҷаласаҳои қаблии Комиссия, вазорату идора ва ташкилотҳои дахлдори худро барои татбиқ намудани бандҳои иҷронашуда вазифадор намуданд.

Ҳамзамон, дар рафти баррасии масъалаҳо ҷиҳати тавсеаи равобити иқтисодӣ ва бозоргонӣ, ҷонибҳо дар ҷаласаҳои коршиносон, бо назардошти манфиатҳои мутақобила ва баробарӣ, дар бахшҳои зерин ба мувофиқа расиданд:

**1. Ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ**

Комиссия густариши фаъолияти муштараки содирот ва воридоти ду кишварро таъкид намуда, ба роҳ мондани муносибатҳои тиҷоратӣ ва иқтисодиро дар бахши хусусӣ бо ҷалби соҳибкорони тавонманд тавсия доданд.

Ҷонибҳо бо мақсади рушди ҳамкорӣ дар соҳаи тиҷорат ба мувофиқаҳои зерин расиданд:

1. Самаранок ба роҳ мондани савдои наздисарҳадӣ;
2. Фароҳам овардани шароитҳои мусоид бо истифода аз имтиёзҳои мавҷуда дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
3. Баррасии тақвият бахшидани корҳо дар самти фаъолияти комиссияҳои муштараки байниҳукуматӣ оид ба таъсис ва рушди нуқтаҳои савдои наздисарҳадӣ байни вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Бадахшони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилоятҳои Тахор ва Қундузи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон.

4. Ҷонибҳо ба Палатаҳои савдо ва саноати кишварҳо тавсия доданд:

- нақшаи чорабиниҳои намоишӣ-ярмаркавиро барои соли 2014 таҳия намуда, маълумотро дар бораи он ба сурогаҳои якдигар ирсол намоянд;
- мубодилаи мунтазами иттилоот дар бораи чорабиниҳои дар бахши хусусӣ пешбинишуда, ҷойгиркунонии маълумот дар бораи онҳо дар сомонаҳои интернетии Палатаҳои савдо ва саноат, ирсол намудан ба мақомотҳои давлатии дахлдор ва субъектҳои хоҷагидорӣ амалӣ карда шавад.

5. Ҷонибҳо идомаи ҳамкориҳоро дар ташкили намоишгоҳҳо, конфронсҳо ва семинарҳо дар кишварҳои якдигар бо мақсади рушд ва инкишофи соҳаи тиҷорат ва тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодӣ мувофиқа намуданд;

6. Ҷонибҳо ба густариши ҳамкориҳо дар эҷоди ҳамоҳангӣ дар ду тарафи сарҳад ба манзури суръат бахшидан дар ҳамлу нақли молу маҳсулоти тиҷоратӣ ва транзитӣ, ба роҳ мондани ситонидани пардохтҳо дар асоси баробарӣ таъкид намуданд;

7. Ҷонибҳо мувофиқа намуданд, ки ҷиҳати ҳал намудани монеаҳо да раванди ҳамлу нақли байналмилалӣ дар гузаргоҳи сарҳадии Панҷи Поён (Шерхон-Бандар) ба вуҷуд меоянд тавассути комиссияи муштараки дуҷониба баррасӣ шуда, аз натиҷааш Ҷонибҳоро бо роҳҳои дипломатӣ огоҳ намоянд.

8. Ҷонибҳо дар эҷоди соддагардонии амалиётҳои ташаббускорӣ барои бахши хусусӣ бо мақсади иҷрои сармоягузориҳо мувофиқа намуданд.

9. Ниҳоӣ намудани Созишномаи сеҷонибаи транзитӣ байни кишварҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон дар соли ҷорӣ (2014);

10. Баррасии лоиҳаи Созишномаи сеҷонибаи транзитӣ байни кишварҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой;

**2. Ҳамкорӣ дар соҳаи стандартизатсия**

Ҷонибҳо таъкид намуданд, ки вусъат бахшидани ҳамкориҳо байни мақомоти стандартикунонии ду кишвар дар бахшҳои стандартизатсия, сертификатсия, (тасдиқи мутобикат) ва метрология дар асоси Тафоҳумнома аз 25.10.2010 амалӣ карда шаванд.

**3. Ҳамкорӣ дар соҳаҳои энергетика, об ва нафту газ**

**I. Бахши электроэнергетика**

1. Ҳамкории дуҷониба дар мавриди сохтмони хати интиқоли барқи 120 км ХИБ-и 110 кВ (дар ҳаҷми 220 кВ) аз шаҳри Хоруғи Тоҷикистон то шаҳраки Ишкошими Тоҷикистон ва сохтмони хати барқи 195 км ХИБ-и 110 кВ (дар ҳаҷми 220 кВ) аз Султон Ишкошими Афғонистон то шаҳри Файзободи Афғонистон.

2. Ҳамкории ҳамаҷониба дар мавриди лоиҳаи CASA-1000, ки таҷрибаи энергияи барқиро дар миёни кишварҳои Қирғизистон, Тоҷикистон, Афғонистон ва Покистон мусоид месозад бар суръат бахшидани бештар дар умури марбут мувофиқа ва таъкид намуданд.

3. Мутолиаи имконоти сохтмони хати интиқоли барқи баландшиддати 500 кВ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба Туркманистон.

4. Ҳамкории ҳамаҷониба ва давомдор дар мавриди баҳрабардорӣ аз хати интиқоли барқи 220 кВ –и Сангтудаи Тоҷикистон то Пули Хумрӣ (ҳарду кишвар дар дохили хоки худаш).

5. Ҳамкориҳои ҳамаҷониба ва давомдор дар мавриди баҳрабардорӣ аз хати интиқоли барқи 110 кВ–и зеристгоҳи Гарони Тоҷикистон то зеристгоҳи вилояти Кундузи Афғонистон (ҳар дукишвар дар дохили хоки худаш).

6. Ҳамкориҳои ҳамаҷониба дар мавриди омӯзиш ва татбиқи лоиҳаи хати интиқоли барқи 500 кВ аз Ҷуҳурии Тоҷикистон аз қаламрави кишвари Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба Ҷумҳурии Исломии Эрон.

7. Суръат бахшидани ҳамкориҳои муштараки тарафайн дар бахши инкишофи манобеи об, аз ҷумла мутолеоти муштараки лоиҳаи сохтмони нерӯгоҳи барқи обии Дашти Ҷум.

## II. Бахши об:

1. Ҷонибҳо иҷроиши пайгиронаи муқаррароти Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Афғонистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаҳои инкишоф ва идоракунии манбаҳои об дар дарёи Панҷ ва Омӯ (аз 25.10. с 2010)-ро таъкид намуда, таъсиси зеркомиссияи дахлдорро тахти сарварии Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати энержӣ ва оби Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҷиҳати ҳалли масъалаҳои вобаста ба соҳилмустаҳкамкунӣ дар тӯли дарёҳои Панҷ ва Омӯ, инчунин ташкил намудани гурӯҳи муштараки корӣ оид ба мониторинги захираҳои обӣ ва муҳити зист, инчунин дар робита ба тартиб додани нақшаи кории онҳо мувофиқа карданд.

2. Ҳамкорӣ дар арсаҳои гидрологӣ, аз ҷумла табодули омор ва рақамҳои гидрометеорологӣ.

3. Таҳкимоти соҳилҳои дарёҳо дар ҳудуди марзи оби муштарак байни ҳар ду кишвар ба манзури бехатар сохтани ҳарду тарафи соҳили дарёи Панҷ (Омӯ) мувофиқат намуда, ҷиҳати таъсис гурӯҳи кории муштарак ба манзури барқарор намудани аломатҳои сарҳадии вайроншуда ва баъд аз он, анҷоми умури мустаҳкам намудани соҳилҳои дарёи мазкур ҳамзамон ду тарафи соҳил таъкид намуданд.

4. Ҳамкории ҳамаҷониба дар таъсиси гуруҳи корӣ бо мақсади бехатар сохтани харду тарафи соҳили дарёи Панҷ (Омӯ).

III. **Бахши нафту газ**

Ҷонибҳо ҳамкориҳоро дар бахшҳои нафту газ миёни ҳамдигар ба роҳ мемонанд.

4. **Дар соҳаи маъдан**

Ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки иштироки ширкатҳои Тоҷикистон ва Афғонистон дар арсаи коркарди маъданҳо тибқи қонунгузориҳои тарафайн амалӣ гардад.

5. **Ҳамкорӣ дар соҳаи нақлиёт**

I. **Нақлиёти роҳи оҳан**

1. Ҷонибҳо тақвияти ҳамкориҳоро дар самти сохтмони роҳи оҳан дар масири Тоҷикистон-Афғонистон-Туркманистон (Колхозобод-Панҷи Поён-Шерхонбандар-Қундуз-Хулм-Мазори Шариф-Андхой) таъкид намуданд.
2. Бо тақозои ҷониби Тоҷикистон масири Бешкент аз тариқи Калдор – Ҳайратон-Исломпанҷа-Келиф бо назардошти имконоти молӣ ва таъмини омӯзиши маслакии коршиносони соҳа мавриди мутолеаи дутарафа қарор гирад.

II. **Нақлиёти автомобилӣ**

1. Эҷоди Комиссияи доимамалкунанда аз ҳисоби афроди маслакии ду кишвар вобаста ба ҳалли масъалаҳои нақлиётию транзитӣ;
2. Дар самти кушодани хатсайри байналмилалии мусофиркашӣ тавассути автобусҳо дар самтҳои Қурғонтеппа-Қундуз-Қурғонтеппа ва Душанбе-Кобул-Душанбе тавофуқ намуданд.
3. Ширкатҳои мусофирбарии ҳарду кишвар аз ин масирҳо дар асоси баробарӣ истифода мебаранд.
4. Тавофуқ шуд, ки ҳамкориҳо дар самти табодули рухсатнома барои ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ тибқи қонунгузории Ҷонибҳо дар асоси баробарӣ идома дода шавад.
5. Ба хотири рушди тиҷорат ва ҳамлу нақли обӣ дар бандарҳои "Кокул" /Фархор/ ва "Ойхонум" /Тахор/ тавассути нақлиёти обӣ гузаргоҳҳои мазкурро бар пояи усули баробарҳуқуқӣ (паритет) аз ҳарду ҷониб ба роҳ монанд.

6. **Ҳамкорӣ дар соҳаи гумрук**

Бо мақсади рушди ҳамкориҳои муштарак дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ ҷонибҳо таҳия ва имзои созишномаҳои зеринро таъкид намуданд:

1. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Афғонистон оид ба ҳамкориҳо дар соҳаи гумрук.

Ҷонибҳо дар кӯтоҳтарин фурсат бо мақсади баррасии лоиҳаи мазкур нишасти дуҷониба баргузор менамоянд.

7. **Ҳамкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ**

Ҳамкории дуҷониба дар заминаи назорати касалиҳои растаниҳо, чорво, мубориза бар зидди малах ва ҳашаротҳои зараррасон дар минтақаҳои наздисарҳадӣ;

1. Ҳамкорӣ дар соҳаи растанипарварӣ, аз он ҷумла боғу токпарварӣ ва тухмипарварӣ;
2. Ҳамкорӣ дар соҳаи чорводорӣ ва занбӯри асалпарварӣ;
3. Ҳамкорӣ оид ба ҷорӣ намудани технологияи пешқадам дар истифодабарии замин ва об, бо мақсади баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ;
4. Ҳамкорӣ оид ба додугирифти техника ва таҷҳизотҳои кишоварзӣ.
5. Ҳамкорӣ дар соҳаи байторӣ;
6. Ҳамкорӣ оид ба омӯзиши мутахасисон ва табодули дастовардҳои илмӣ;

8. **Ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг**

Ҷонибҳо параф намудани лоиҳаи Созишномаи байниҳукуматиро оид ба ҳамкорӣ дар соҳаҳои фарҳанг, ҳунар, нашрияҳо (сабтӣ, тасвирӣ ва чопӣ) мувофиқа намуданд.

1. Идомаи густариши ҳамкориҳои ҳунарӣ, махсусан ҳунари мусиқӣ ва театрӣ.
2. Заминасозӣ барои иштироки ҳунармандон ва фарҳангиёни ҳарду кишвар ба муносибатҳои фарҳангӣ (фестивалҳо, намоишгоҳҳо).
3. Ҷонибҳо дар соҳаи нашриёт бо ҳам мувофиқа намуданд:

- Эҷоди ҳамкории зарурӣ ва табодули маълумот аз тариқи коршиносон ва ҳамкории техникӣ дар бахши расонаҳои нашриётӣ ва чопӣ.

9. **Ҳамкорӣ дар соҳаи ҷавонон ва туризм**

**I. Соҳаи ҷавонон**

Мусоидат намудан ба густариши муносибатҳои ҷавонон тавассути баргузории ҷаласаҳои муштарак, мулоқотҳо, форумҳо ва баргузории ҳафтаҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳои ташкилотҳои соҳаи ҷавонони ду кишвар.

**II. Соҳаи туризм**

Ҷонибҳо барои тавсеаи ҳамкорӣ дар соҳаи туризм дар доираи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Афғонистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ барои андешидани тадбирҳо ба таври зайл бо ҳам мувофиқа намуданд:

1. Тавсеаи муносибатҳои сайёҳӣ байни субъектҳои хоҷагидорӣ;
2. Ташвиқи сектори хусусӣ ва фароҳам намудани шароити мусоид барои ширкатҳои сайёҳӣ байни ду кишвар то муштаракан кор намоянд:

3. Муаррифии осори таърихӣ, фарҳангӣ, осорхонаҳо ва манотики мухталифи кишварҳои мутақобил дар чаҳор фасл аз лиҳози обу ҳаво тавассути нашриёт, таблиғот, навиштаҳои кортҳои почтавӣ.

**10. Соҳаи маориф ва илм**

**I. Дар соҳаи маориф ва илм**

Ҷонибҳо ҳамкориро дар самтҳои зерин мувофиқа намуданд:

1. Густариши ҳамкориҳои мустақим байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон.
2. Қабули шаҳрвандони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи бурсияҳои таҳсилӣ дар асоси созишномаҳои дуҷониба байни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати таҳсилоти олии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон.
3. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, ки дар асоси бурсияҳои таҳсилии давраҳои бакалавриат, мутахассис ва магистратура ба таҳсил фаро гирифта мешаванд, қабл аз оғози таҳсил дар давоми 6 моҳ дар муассисаҳои таҳсилотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба омӯзиши расмулхати кирилликӣ ва қоидаҳои забони русӣ ройгон фаро гирифта мешаванд.
4. Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳсили шаҳрвандони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии шаҳри Душанбе, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғд ва Хатлон шароити мусоидро фароҳам меоварад.
5. Баргузор намудани конфронсҳои илмӣ, семинарҳо, ҷаласаҳои корӣ-омӯзишӣ ва тадқиқотҳои илмӣ дар арсаи ҳифзи муштаракоти адабӣ, фарҳангӣ, таърихӣ ва бостонии ду кишвар дар сатҳи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ.

**II. Ҳамкорӣ дар соҳаи омода намудани кадрҳои коргарӣ**

1. Дар асоси тақозои ҷониби Афғонистон, ҷониби Тоҷикистон омодагӣ изҳор намуд, ки дар соҳаи тайёр намудани кадрҳои коргарӣ, аз он ҷумла кадрҳои коргарии роҳи оҳан ҳамкорӣ намояд.
2. Тартиби иҷрои банди мазкур дар замони муносиб аз тарафи ҷонибҳо баррасӣ мегардад ва замони иҷрои он муайян мегардад.

**11. Ҳамкорӣ дар соҳаи тандурустӣ**

1. Тақвияти ҳамкориҳо дар самти расонидани хизматрасонии махсусгардонидашудаи тиббӣ, аз он ҷумла, пайванди (трансплантатсия) гурда, буғумҳо, мағзи устухони беморони Афғонистон дар муассисаҳои тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
2. Гузаронидани чорабиниҳои якҷоя оид ба пешгирии бемориҳои сироятӣ, аз он ҷумла ниҳоят хавфнок, бемории вараҷа ва бемориҳои тавассути ваксинатсия идорашаванда (ҚБТС/IHR-2005);

3. Ҳамкорӣ дар самти мунтазам пешниҳод намудани ахборот оид ба вазъи эпидимиологии бемориҳои сирояткунанда дар ҳарду кишвар;
4. Ба роҳ мондани бозомузии тахассусӣ ва мубодилаи таҷриба дар бахшҳои тандурустии ҷамъиятӣ, саломатии модарон ва кудакон, дандонпизишкии табибони афғон дар муассисаҳои тиббӣ ва таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
5. Тибқи муқарароти Моддаи 12 Созишномаи байни Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати сиҳатии оммаи Давлати Итиқолии Исломии Афғонистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи тандурустӣ (аз 18.02. с.2005 ш. Душанбе) ворид намудани тағйироту иловаҳо тавассути имзо намудани Протокол, ки қисми ҷудонашавандаи Созишнома мебошад.

**12. Оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи суғурта**

Ҷонибҳо ҷиҳати тавсеаи ҳамкориҳо дар арсаи суғурта ба мувофиқаи зайл расиданд:
1. Эҷоди равобити ҳамкорӣ дар соҳаи фаъолиятҳои суғуртавӣ (бимавӣ) дар асоси тасвиби ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ;
2. Эҷоди осониҳо барои рафъи мушкилиҳое, ки дар соҳаи суғурта дар қаламрави ҳарду кишвар ба амал меояд;
3. Табодули таҷриба дар соҳаи суғурта;
4. Густариши фаъолияти суғуртавӣ;

**13. Заминаи меъёрӣ ҳуқуқӣ**

Ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки бо назардошти аҳамияти густариши бештари равобити иқтисодии байни кишварҳои мо санадҳои зерин харчӣ зудтар мувофиқа ва ба имзо бирасанд:
1. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар бораи хамкорӣ дар сохтмон ва истифодабарии лулаи гази Афғонистон-Тоҷикистон;
2. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар соҳаи фарҳанг, ҳунар, нашриёҳо (сабтӣ, тасвирӣ, чопӣ);
3. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Афғонистон оид ба ҳамкориҳо ва ёрии байниҳамдигарӣ дар фаъолияти гумрукӣ;
4. Созишномаи сеҷонибаи савдои транзитӣ байни Тоҷикистон, Афғонистон ва Покистон;
5. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Афғонистон оид ба ҳавасмандгардонӣ, хифз ва ҳимояти мутақобилаи сармоягузорӣ.

## 14. Ҳамкорӣ дар соҳаи алоқа

Ҷонибҳо дар арсаи мухобирот ҳамкориҳоро тавассути ширкатҳои давлатӣ бештар тақвият ва тавсеа бахшида дар мавридҳои зер ба мувофиқа расиданд:

1. Ба манзури баланд бардоштани зарфияти робитаҳои мухобиротӣ байни ду кишвар ва ҷалби транзити мухобироти кишварҳои минтақа аз тариқи шабакаи фейбари нурӣ (оптика);
2. Беҳбуд ва тавсеаи ҳар чӣ бештари хадамоти почтавӣ;
3. Пешниҳоди интернет бо нархи муносиб ба таври мустақими транзит ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон;
4. Иқдомоти зарурӣ дар самти ҳалли мушкилоти истифодабарии мавҷҳои мобилии муштарак дар минтақаҳои наздисарҳадии Ҷонибҳо;
5. Транзити трафики алоқа бо кишвари сеюм.

Ҷонибҳо мувофиқа намуданд, ки ҷаласаи шашуми Комиссия соли 2015 дар шаҳри Кобул доир гардад. Таърихи баргузории ҷаласа тариқи роҳҳои дипломатӣ муайян хоҳад шуд.

Протокол дар шаҳри Душанбе дар таърихи 14 марти соли 2014 дар ду нусхаи асл, ҳар яке бо забонҳои тоҷикӣ ва дарӣ, ки эътибори яксон доранд, ба имзо расид.

| Аз ҷониби Ҳукумати<br>Ҷумҳурии Тоҷикистон | Аз ҷониби Ҳукумати<br>Ҷумҳурии Исломии Афғонистон |
|---|---|
| ________________ | ________________ |